**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии ҳуқуқи маданӣ бахшида шуда, ба ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пурра мутобиқ мебошад.

Дар диссертатсия масъалаҳои вобаста ба пайдоиш ва рушди институти эскроу, табиати ҳуқуқии он, мафҳум ва хусусиятҳои шартномаи эскроу, вазъи ҳуқуқии тарафҳо, масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, тартиби бастан, иҷро ва қатъ гардидани шартномаи мазкур, инчунин дурнамои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Аз ин рӯ, муҳтавои диссертатсия бевосита ба доираи масъалаҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи соҳибкорӣ мансуб буда, ба талаботи шиносномаи ихтисоси мазкур ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, густариши фаъолияти соҳибкорӣ ва афзоиши ҳаҷми

сармоягузорӣ масъалаи таъмини иҷрои дахлдори уҳдадориҳо аҳаммияти махсус пайдо намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳифзи моликият ва рушди муносибатҳои шартномавиро мунтазам такмил дода истодааст. Дар ин раванд истифодаи падидаҳои нави ҳуқуқӣ, ки ба таъмини амнияти муомилоти маданӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд, аҳаммияти махсус касб мекунад.

Яке аз чунин падидаҳои нав шартномаи эскроу мебошад, ки солҳои охир дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи худро пайдо намуда, ҳамчун механизми самараноки таъмини иҷрои уҳдадориҳо мавриди истифода қарор гирифтааст. Моҳияти асосии шартномаи мазкур дар он ифода меёбад, ки шахси сеюм – агенти эскроу молу мулк ё маблағро то фаро расидани шартҳои муайяншуда нигоҳ дошта, баъд аз иҷро шудани шартҳои пешбинигардида онро ба бенефитсиар месупорад. Чунин тартиб имкон медиҳад, ки хавфҳои шартномавӣ коҳиш ёфта, иҷрои уҳдадориҳо бо кафолати бештар таъмин карда шавад.

Мубрамии мавзуъ боз аз он бармеояд, ки истифодаи механизми эскроу дар муносибатҳои сармоягузорӣ, фаъолияти бонкӣ, сохтмони ҳиссагӣ, муомилоти электронӣ ва дигар самтҳои соҳибкорӣ сол то сол густариш ёфта истодааст. Дар ин замина, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми майи соли 2025, №297 «Дар бораи суратҳисоби бонкии эскроу барои тақсимот ва пардохти воситаҳои молиявие, ки аз фурӯши неруи барқ тавассути низоми энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мегарданд» аҳаммияти амалии падидаро дар низоми иқтисодӣ ва идоракунии давлатӣ боз ҳам равшантар нишон медиҳад.

Шартномаи мазкур бо иштироки як қатор мақомоти давлатӣ ва субъектҳои хоҷагидор баста шуда, ба таъмини шаффофият, самаранокӣ ва назорати истифодаи маблағҳои молиявӣ равона гардидааст. Ин ҳолат аз он шаҳодат

медиҳад, ки шартномаи эскроу танҳо воситаи ҳуқуқии бахши хусусӣ набуда, метавонад дар муносибатҳои давлатӣ низ самаранок истифода шавад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот ҳамчунин аз рушди босуръати соҳаи сохтмон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Солҳои охир ҳаҷми сохтмони манзилҳои истиқоматӣ ба таври назаррас афзоиш ёфта, шумораи ташкилотҳои сохтмонӣ ва иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ зиёд гардидааст. Дар баробари ин, баҳсҳои марбут ба иҷрои ухдадориҳои сохтмонӣ, ҳифзи ҳуқуқи ҳиссагузорон ва таъмини кафолати маблағҳои сармоягузорӣ низ зиёд шудаанд.

Дар чунин шароит истифодаи шартномаи эскроу ҳамчун воситаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни сохтмони ҳиссагӣ метавонад нақши муассир дошта бошад. Бинобар ин, омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳуқуқии вобаста ба шартномаи мазкур аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад.

Илова бар ин, дар адабиёти илмии ватанӣ то имрӯз таҳқиқоти мукаммали махсус вобаста ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу анҷом дода нашудааст. Бисёр масъалаҳои назариявӣ, аз ҷумла табиати ҳуқуқии шартномаи эскроу, таносуби он бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, вазъи ҳуқуқии тарафҳо ва масъалаҳои ҷавобгарӣ то ҳол баҳснок боқӣ мондаанд.

Бо ҳамин асос метавон хулоса намуд, ки мавзуи интихобнамудаи муаллиф аз ҷиҳати илмӣ, назариявӣ ва амалӣ мубрам буда, ба ниёзҳои муосири рушди ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда**

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки диссертатсияи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти комплексӣ дар илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу бахшида шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқот муаллиф як қатор хулосаҳои нави илмиро пешниҳод намудааст, ки барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи уҳдадориҳо ва такмили қонунгузории маданӣ аҳаммияти муҳим доранд.

*Аз ҷумла, пешниҳодҳои муаллиф оид ба хориҷ намудани маҳдудияти* муҳлати шартномаи эскроу, бекор кардани ҳатмияти тасдиқи нотариалии он, ҷорӣ намудани Интернет-эскроу дар муомилоти электронӣ ва муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ барои рушди муносибатҳои электронӣ аҳаммияти назарраси амалӣ доранд.

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф масъалаи мутобиқати меъёрҳои амалкунандаи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо қонунгузории нотариалӣ таҳлил намуда, ба хулоса омадааст, ки дар шароити мавҷудияти танҳо нотариати давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати агенти эскроу эътироф намудани идораи нотариалии давлатӣ нисбат ба нотариус асоснок мебошад.

Ҳамчунин пешниҳоди мафҳуми муаллифии қатъ гардидани шартномаи эскроу ва гурӯҳбандии шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи мазкур аз ҷумлаи навгониҳои илмии таҳқиқот ба ҳисоб мераванд.

Нуктаи илмии якуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таҳқиқ ва такмили танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии назаррас дорад. Муаллиф дар асоси таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ зарурати таҷдиди як қатор муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок намудааст. Аз ҷумла, пешниҳоди ба ихтиёри тарафҳо вогузор намудани муайян кардани муҳлати амали шартномаи эскроу ҳамчун ифодаи принсипи озодии шартнома, хориҷ намудани талаботи ҳатмии тасдиқи нотариалӣ ва ҷорӣ намудани Интернет-эскроу аз ҷумлаи пешниҳодҳои наву ҷолиб мебошанд. Ин нукта бо он арзишманд аст, ки ба рушди муносибатҳои муосири молумулкӣ, рақамикунонии муомилоти шаҳрвандӣ ва такмили муҳити сармоягузорӣ мусоидат менамояд.

Нуктаи илмии дуюм навгонии назаррас дошта, ба масъалаи муайян намудани мақоми ҳуқуқии агенти эскроу равона гардидааст. Муаллиф бо таҳлили амиқи қонунгузории нотариалӣ ва мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосаи асоснок омадааст, ки истифодаи мафҳуми «нотариус» ҳамчун агенти эскроу бо низоми амалкунандаи нотариати давлатӣ мутобиқати комил надорад. Дар ин замина пешниҳоди эътироф намудани идораи нотариалии давлатӣ ҳамчун агенти эскроу аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, метавонад барои бартараф намудани мухолифатҳои амалии қонунгузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат намояд.

Нуктаи илмии сеюм дар пешниҳоди таърифи илмии мафҳуми «қатъ шудани шартномаи эскроу» ифода меёбад. Азбаски қонунгузории амалкунанда танҳо асосҳои қатъ гардидани чунин шартномаро муайян намуда, мафҳуми онро пешбинӣ накардааст, муаллиф бори аввал таърифи мукаммали ҳуқуқии ин падидаро пешниҳод кардааст. Арзиши илмии ин навгонӣ дар он зоҳир мегардад, ки он метавонад барои рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи уҳдадориҳо, такмили қонунгузорӣ ва ташаккули амалияи ягонаи ҳуқуқтатбиқкунӣ заминаи методологӣ фароҳам оварад.

Нуктаи илмии чорум ба масъалаи ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроу бахшида шуда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад. Муаллиф дар асоси таҳлили қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ шаклҳои асосии ҷавобгарии ҳуқуқии иштирокчиёни муносибатҳои эскроуро муайян намуда, имконияти татбиқи чунин чораҳоро, аз қабили рӯёнидани ноустуворона, ҷуброни зарари моддӣ ва маънавӣ, маҷбур намудани тараф ба иҷрои уҳдадорӣ ва маҳдуд намудани қатъи яктарафаи шартнома асоснок кардааст. Хусусан, мавқеи муаллиф оид ба имконияти рӯёнидани зарари маънавӣ дар доираи муносибатҳои эскроу дорои хусусияти навоварона буда, доираи воситаҳои ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандиро васеъ мегардонад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия баёншуда аз истифодаи васеи сарчашмаҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, омори расмӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии масъалаҳои танзими шартномаи эскроу бармеояд.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии давлатҳои хориҷиро мавриди омӯзиш ва таҳлили амиқ қарор додааст. Дар заминаи омӯзиши мазкур хусусиятҳои ҳуқуқии шартномаи эскроу, мавқеи он дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, вазъи ҳуқуқии субъектҳои шартномаи мазкур, асосҳои тағйир, қатъ ва ҷавобгарии тарафҳои он муайян карда шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчунин бо истифодаи маҷмӯи усулҳои маъмули илмӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлилӣ, мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, низомнок, оморӣ ва дигар таъмин гардидааст. Истифодаи пайвастаи ин усулҳо имкон додааст, ки масъалаҳои баҳсталаби марбут ба табиати ҳуқуқии шартномаи эскроу, таносуби он бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ ва самтҳои такмили қонунгузорӣ ҳамаҷониба таҳқиқ карда шаванд.

Хулосаҳои пешниҳодшуда натиҷаи мустақими таҳлили муқаррароти амалкунандаи қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи онҳо буда, бо омӯзиши таҷрибаи ҳуқуқии як қатор давлатҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Олмон, Иёлоти Муттаҳидаи Америко ва дигар кишварҳое, ки падидаи эскроу дар онҳо васеъ истифода мегардад, тақвият ёфтаанд. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ камбудиҳо ва холигиҳои

мавҷудаи қонунгузории миллӣ муайян гардида, пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили онҳо манзур шудаанд.

Асоснокии натиҷаҳои илмӣ инчунин бо омӯзиши маълумоти омории мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои молиявӣ тасдиқ мегардад. Аз ҷумла, маълумоти расмии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди низоми бонкӣ, афзоиши шумораи суратҳисобҳои бонкӣ ва густариши хизматрасониҳои молиявӣ, маълумоти мақомоти давлатӣ дар соҳаи сохтмон ва сармоягузорӣ, инчунин таҷрибаи амалии истифодаи суратҳисобҳои бонкии эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи воқеии таҳқиқот истифода шудаанд.

Эътимоднокии хулосаҳои пешниҳодшуда ҳамчунин аз он шаҳодат медиҳад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар шакли 12 корҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ нашр ва муҳокима гардидаанд. Муҳокимаи натиҷаҳои таҳқиқот дар муҳити илмӣ ба такмили хулосаҳо ва санҷиши амалии онҳо мусоидат намудааст.

Тавсияҳои пешниҳодгардида хусусияти амалии ҳуқуқэҷодкунӣ дошта, ба такмили меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона гардидаанд. Пешниҳодҳои мазкур аз талаботи рушди муносибатҳои иқтисодӣ, рақамикунонии муомилоти мадани, густариши тиҷорати электронӣ, рушди бозори сохтмон ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ бармеоянд.

Бо ҳамин, метавон хулоса намуд, ки хулосаҳо, пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия баёншуда аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок буда, ба натиҷаҳои воқеии таҳқиқоти илмӣ такя намуда, дорои дараҷаи баланди эътимоднокии илмӣ мебошанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Диссертатсия аз рӯйи сохтор, муҳтаво, тартиби таҳияи қисматҳо ва барасмиятдарорӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Рисолаи илмӣ аз муқаддима, бобҳо, зербобҳо, хулоса, тавсияҳои амалӣ ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқат менамояд.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ба таври асоснок баён шудаанд.

Боби аввали диссертатсия таҳти унвони «Тавсифи умумии шартномаи эскроу дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз се зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои марбут ба мафҳум ва моҳияти шартномаи эскроу, таносуби он бо дигар шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, инчунин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ оид ба танзими шартномаи эскроу мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд (саҳифаҳои 17–71).

Боби дуюми диссертатсия «Унсурҳои шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф масъалаҳои марбут ба мавзуи шартномаи эскроу, хусусиятҳои ба амонат гузоштани намудҳои алоҳидаи объектҳои он, инчунин вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроуро таҳлил намуда, хусусиятҳои ҳуқуқии амонатгузор, бенефитсиар ва агенти эскроуро муайян кардааст (саҳифаҳои 72–101).

Боби сеюми диссертатсия таҳти унвони «Асосҳои қатъ гардидани шартномаи эскроу ва ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои он» аз ду зербоб иборат буда, ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии қатъ гардидани шартномаи эскроу, асосҳои ҳуқуқии бекоршавии он, инчунин ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои

шартнома барои иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ухдадориҳои шартномавӣ бахшида шудааст (саҳифаҳои 102–145).

Дар маҷмуъ, сохтори диссертатсия бо назардошти мантиқи илмии таҳқиқот таҳия гардида, тартиби ҷойгиршавии бобҳо ва зербобҳо пайдарҳамии масъалаҳои таҳқиқшавандаро таъмин менамояд. Муаллиф аз масъалаҳои умумии назариявӣ ба масъалаҳои махсуси ҳуқуқтатбиққунӣ ва такмили қонунгузорӣ гузашта, дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст намуда, як қатор пешниҳодҳо ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокро оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими шартномаи эскроу манзур кардааст. Хулосаҳо ва пешниҳодҳои пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ истифода шаванд.

Бо назардошти мазмун, сохтор ва тарзи таҳияи диссертатсия метавон хулоса намуд, ки он ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

**Аҳамияти илмӣ, назариявӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия**

Натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдода дорои аҳаммияти назарраси илмӣ ва амалӣ мебошанд. Аҳамияти назариявии таҳқиқот пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф кӯшиш намудааст ҷойгоҳ ва нақши шартномаи эскроуро дар низоми шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ муайян намояд. Дар диссертатсия масъалаҳои назариявии табиати ҳуқуқии шартномаи мазкур, хусусиятҳои хоси он, таносуб бо дигар падидаҳои ҳуқуқи ухдадорӣ ва механизми амалисозии он мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Хулосаҳои илмии пешниҳодшуда метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ, таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи

ухдадорихо ва омӯзиши масъалаҳои нави ҳуқуқи соҳибкорӣ заминаи мусоид фароҳам оваранд.

Аҳаммияти амалии диссертатсия бошад, дар он ифода меёбад, ки пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими шартномаи эскроу истифода шаванд. Аз ҷумла, пешниҳодҳои вобаста ба такмили меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани мақоми ҳуқуқии агенти эскроу, ҷорӣ намудани Интернет-эскроу ва рушди механизмҳои нави ҳифзи ҳуқуқҳои иштирокчиёни муносибатҳои шартномавӣ аҳаммияти баланди ҳуқуқэҷодкунӣ доранд.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти мақомоти қонунгузор, мақомоти судӣ, мақомоти нотариалӣ, ташкилотҳои қарзӣ, бонкҳо, ширкатҳои сохтмонӣ ва дигар субъектҳои соҳибкорӣ мавриди истифода қарор гиранд. Ҳамчунин, маводи диссертатсия метавонад зимни таълими фанҳои «Ҳуқуқи мадании», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи бонкӣ», «Ҳуқуқи шартномавӣ» ва дигар истифода шавад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия ва тасвиби онҳо**

Мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф дар шакли мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо ва дигар корҳои илмӣ мавриди инъикос қарор гирифтааст.

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 12 маводи илмӣ, аз ҷумла 1 воситаи таълимӣ, 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақолаи дигар дар маҷмуаҳои илмӣ ба нашр расонидааст. Мақолаҳои илмии интишоршуда масъалаҳои муҳимми таҳқиқотро фаро гирифта, ба мафҳум ва моҳияти шартномаи эскроу, табиати ҳуқуқии он, вазъи ҳуқуқии тарафҳо, мавзуи шартнома, ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳо ва масъалаҳои дигар бахшида шудаанд.

Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот дар як қатор конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ мавриди баррасӣ қарор

гирифтаанд. Интишор ва тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия шуда, дорои сохтори мантиқӣ, мазмуни ягона ва пайдарҳамии илмии масъалаҳои таҳқиқшаванда мебошад. Мавзуи таҳқиқот ба яке аз масъалаҳои муҳими илми ҳуқуқи маданӣ алоқаманд буда, дар доираи он масъалаҳои назариявӣ ва амалии шартномаи эскроу, танзими ҳуқуқии он, вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартнома, асосҳои қатъ гардидани шартномаи эскроу ва ҷавобгарии ҳуқуқии иштирокчиёни он мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор гирифтаанд.

Навгонии илмии натиҷаҳои бадастомада, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия ироагардида натиҷаи таҳқиқоти мустақилонаи муаллиф буда, саҳми шахсии ӯро дар рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими шартномаи эскроу тасдиқ менамоянд. Мақолаҳои илмии нашрнамудаи муаллиф, маърузаҳои пешниҳодшуда дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалӣ, инчунин муҳтавои диссертатсия саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи масъалаҳои мавриди омӯзиш пурра инъикос менамоянд.

Тарзи таҳлили масъалаҳо, усули масъалагузорӣ, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои қонунэҷодии дар диссертатсия манзургардида аз мустақилияти илмии муаллиф ва қобилияти ӯ дар анҷом додани таҳқиқоти илмии мустақил шаҳодат медиҳанд.

Автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои асосии таҳқиқотро пурра инъикос намуда, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ва норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

1) Тавсияи амалии якуми муаллиф, ки тағйир додани қисми 2 моддаи 1031 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ихтиёри тарафҳо вогузор намудани масъалаи муайян кардани муҳлати амали шартномаи эскроуро пешбинӣ менамояд, ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Муаллиф ин пешниҳодро бо принсипи озодии шартнома ва зарурати фароҳам овардани имкониятҳои васеъ барои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ асоснок кардааст.

Дар баробари ин, пешниҳоди мазкур метавонад баҳсро ба миён оварад. Зеро муҳлати амали шартнома на танҳо ҳамчун зуҳуроти иродаи тарафҳо, балки ҳамчун воситаи таъмини дақиқият ва устувории муносибатҳои ҳуқуқӣ низ баромад менамояд. Дар сурати пурра ба ихтиёри тарафҳо вогузор намудани масъалаи муҳлат эҳтимолияти ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии номуайян, махсусан дар ҳолатҳое, ки тарафҳо муҳлати мушаххасро пешбинӣ накардаанд, вуҷуд дорад.

Ғайр аз ин, бо дарназардошти он ки шартномаи эскроу бештар дар муносибатҳои сармоягузорӣ, сохтмонӣ ва молиявӣ истифода мегардад, набудани маҳдудияти муайяни қонунгузорӣ метавонад ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои иштирокчиёни чунин муносибатҳо таъсир расонад. Аз ин рӯ, масъалаи мазкур таҳқиқи иловагиро талаб намуда, эҳтимолан на хориҷ

намудани пурраи меъёри амалкунанда, балки такмили он тавассути васеъ намудани имконияти тарафҳо ҷиҳати муайян намудани муҳлати шартнома дар доираи талаботи қонунгузорӣ мувофиқтар хоҳад буд.

2) Яке аз навгониҳои илмии диссертатсия пешниҳоди муаллиф оид ба эътироф намудани идораи нотариалии давлатӣ ҳамчун агенти эскроу ба ҳисоб меравад. Муаллиф ин пешниҳодро бо он асоснок менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо низоми нотариати давлатӣ амал карда, нотариусҳои хусусӣ фаъолият намекунанд. Аз ин рӯ, истифодаи истилоҳи «нотариус ҳамчун агенти эскроу» дар баъзе мавридҳо ба воқеияти ҳуқуқии амалкунанда пурра мувофиқат намекунад.

Бо вуҷуди ин, ин пешниҳод метавонад баҳсро ба миён оварад. Зеро моҳияти институти эскроу пеш аз ҳама ба мустақилият ва бетарафии агент асос меёбад. Дар таҷрибаи бисёр давлатҳо вазифаи агенти эскроуро на танҳо нотариусҳо, балки бонкҳо, ташкилотҳои молиявӣ ва дигар шахсони махсус ваколатдор иҷро менамоянд. Аз ин рӯ, маҳдуд намудани доираи агентҳои эскроу танҳо ба идораҳои нотариалии давлатӣ метавонад ба рушди рақобат, васеъ гардидани бозори хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ва дастрасии шаҳрвандон ба чунин хизматрасониҳо таъсири манфӣ расонад.

Бинобар ин, масъалаи мазкур омӯзиши иловагӣ ва таҳлили таҷрибаи пешрафтаи хориҷиро талаб менамояд. Шояд ба ҷойи маҳдуд намудани доираи агентҳо, муайян намудани талаботи ягона нисбат ба ҳамаи субъектҳое, ки вазифаи агенти эскроуро иҷро менамоянд, самаранoктар бошад. Дар ҳар сурат, мавқеи пешниҳоднамудаи муаллиф аҳаммияти назариявӣ дошта, барои рушди минбаъдаи баҳсҳои илмӣ дар ин самт замина фароҳам меорад.

Эродҳои мазкур хусусияти мубоҳисавӣ дошта, бештар ба рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ равона гардидаанд ва ба аҳаммияти илмӣ ва арзиши амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти мустақилонаи анҷомёфтаи илмӣ буда, масъалаи муҳимми назариявӣ ва амалии ҳуқуқи маданиро фаро гирифтааст.

Муаллиф дар асоси омӯзиши ҳамаҷонибаи адабиёти илмӣ, қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ ва маълумоти оморӣ ба як қатор хулосаҳо ва пешниҳодҳои нав расидааст, ки барои рушди илми ҳуқуқи маданӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Асадуллозода Абдулазиз Асадулло сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3 – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Бобозода Ҷ.Қ.

Имзои «Бобозода Ҷ.Қ.»-ро тасдиқ мекунам
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Мирҷамолов М.А.

Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
Телефон: +992 (37) 231-02-01.
E-mail: tgfeu@tgfeu.tj.

«22» 05 2026 сол